ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Назарзода Рустам Саидмурод дар мавзӯи «Имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ҳамчун воситаи арзёбии сифати таҳсилот (дар мисоли низоми таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – «Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот» (илмҳои педагогӣ)

Дар ҷаҳони муосир, баланд бардоштани сифати таҳсилот ҳамчун шарти асосӣ ва масъалаи калидӣ барои таъмин кардани рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсию мадании дилхоҳ кишвар ба ҳисоб меравад. Зеро, таҳсилот яке аз доираҳои муҳимтарини ҳастии ҷомеа буд, ҳаст ва боқӣ хоҳад монд. Маҳз сифати маълумотнокии ҳар узви ҷомеа иқтидори иқтисодӣ, зеҳнӣ ва ахлоқии ҷамъиятро муаяйн месозад. Бино бар ин, масъалаи такмил ва таҷдиди мудоми низоми маориф яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа дар рушди ҷомеа маҳсуб меёбад.

Мукаммалгардонӣ ва таҷдиду азнавсозии соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шарт ва зарур будани омӯзиш, натиҷагирию хулосабарорӣ ва татбиқи эҷодкоронаи таҷрибаи пешқадами ҷаҳониро дар самти ташкили раванди таълиму тарбия ба таври устувор амр мекунад.

Имрӯзҳо, санҷиш ва арзёбии объективонаи дараҷаи сифати таҳсилот масъалаи мубрами низоми маорифи ҳар як кишварро ташкил медиҳад, ки он истифодаи усулҳои объективонаю боэътимод ва орӣ будан аз падидаҳои субъективиро тақозо мекунад. Ҳангоми ташкилу баргузории чунин санҷишҳо, нисбат ба маводи санҷишию андозагирӣ, тартиби гузаронидани санҷишҳо ва раванди коркарди натиҷаи онҳо бояд талабот ва меъёрҳои ягона татбиқ гарданд. Маҳз ҳамин гуна раванди стандартишудаи арзёбии дастовардҳои таълимии омӯзандагонро тестгузаронии педагогӣ таъмин мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ равандҳои ба тестгузаронии педагогӣ алоқаманд босубот татбиқи худро ёфта истодаанд. Оғози давраи татбиқи тестгузаронии педагогӣ ба таври мутамарказ ва фарогири миқёси калон дар ҷумҳурӣ ба соли 2014 – соли нахустини ҷорӣ гардидани низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ рост меояд. Имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ низоми ба таври мутамарказ ва бар асоси принсипҳои воқеият, шаффофият, мустақилияти равандҳои баргузории имтиҳонҳо ва таъмини дастёбии баробар ба имтиҳонсупорӣ, ташкил ва баргузор намудани имтиҳонҳои дохилшавӣ ва тақсимоти довталабон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки бар

истифодаи шаклу усули муосири арзёбии дониши довталабон ва техникаю технологияҳои пешрафта, равандҳои стандартишудаи баргузории имтиҳонҳо, коркард, таҳлил ва пешниҳоди натиҷаҳо асос ёфтааст.

Ба инобати падидаи нав дар низоми маорифи кишвар маҳсуб ёфтани низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ва то ба имрӯз мавриди таҳқиқоти мустақил қарор нагирифтани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ва нақши онҳо дар санҷишу арзёбии дастовардҳои таълимӣ, ба сифати мавзӯи рисолаи диссертатсионӣ мавзӯи «Имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ҳамчун воситаи арзёбии сифати таҳсилот (дар мисоли низоми таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» интихоб гардидааст. Дар ҳақиқат, мавзӯи интихобгардидаи Назарзода Р. С. барои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ дар шароити кунунӣ хеле муҳим ба ҳисоб меравад.

Тавре аз таҳлили автореферат бармеояд, диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулосаи бобҳо, хулосаи умумӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима унвонҷӯ зарурият ва аҳамияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, асосҳои назариявию методологӣ ва усулҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявию амалӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқотро баён карда, дар он фарзия, мақсаду вазифаҳо ва объекту предмети таҳқиқот муайян намудааст.

Боби якуми диссертатсия «Заминаҳои назариявӣ, методология ва воситаҳои арзёбии натиҷаҳои таълим» ном гирифта, фарогири се зербоб аст. Дар он назарҳои гуногун оид ба таърифи «сифати таҳсилот», истифодаи тестгузаронии педагогӣ ҳамчун усули самаранок ва боэътимоди санҷишу арзёбӣ ва вижагиҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ баррасӣ гардидаанд.

Боби дуюми диссертатсия «Натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ҳамчун пойгоҳи маълумот дар арзёбии сифати таҳсилоти умумӣ» низ аз се зербоб иборат аст, ки он ба тавсифи сохтор ва хусусиятҳои субтестҳои имтиҳони умумӣ, усул ва воситаҳои оморию риёзии коркард ва таҳлил натиҷаҳои тестгузаронӣ нигаронида шуда, дар он динамикаи натиҷаҳои субтестҳои дахлдор барои солҳои 2014-2019 таҳлил гардидаанд.

Муаллиф натиҷаҳои таҳқиқоти хешро дар 14 банд ба таври назаррас хулосабарорӣ намуда, таклифу пешниҳоди ҷолиб ва тавсияҳои илмию методии мувофиқро дар 9 банд ироа намудааст.

Вобаста ба мавзӯи таҳқиқотӣ ва бахшҳои алоҳидаи он аз ҷониби муаллиф 23 мақола ба табъ расидаанд, ки 12-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия ва эътирофшуда нашр гардидаанд.

Автореферат сохтори амиқи диссертатсияро дар бар гирифта, пайдарпайии иҷрои вазифаҳои таҳқиқотро иҷъикос мекунад ва дар мутобиқат ба талаботи вижаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

Боиси тазаккур аст, ки ҷанбаи илмии рисола қавӣ буда, унвонҷӯ барои таълифи диссертатсияи худ аз шумораи зиёди осори илмии олимони ватанию бурунмарзӣ хеле моҳирона истифода бурдааст ва хулосаю пешниҳодҳои асоснокро ироа намудааст.

Зимни шиносоӣ бо автореферати диссертатсияи Назарзода Р. С. ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти баанҷомрасонида метавонад дар ташаккул ва рушди равияҳои ҷадиди педагогикаи муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – андозагириҳои педагогӣ ва тестшиносии ватанӣ саҳми арзанда дошта бошад.

Хулоса, рисолаи илмӣ дар мавзӯи «Имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ҳамчун воситаи арзёбии сифати таҳсилот (дар мисоли низоми таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ҳамчун кори таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Муаллифи он – Назарзода Рустам Саидмурод барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – «Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот» (илмҳои педагогӣ) арзанда мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири кафедраи забони русӣ ва
таҳсилоти касбии Донишгоҳи
технологии Тоҷикистон **Т. Қ. Хусанова**

Маълумот барои тамос:
734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 63/3.
Телефон: +992-93-530-03-33. Почтаи электронӣ: tamara-07-03@mail.ru.

Имзои Хусанова Тамара Қодировнаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
технологии Тоҷикистон Н. А. Бухориев

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН * ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА * ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ